# БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ВА КАМБИЗОАТӢ №4-2016

**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан**

**Ҳайати таҳририя: Г.Ҳасанзода -** Раиси ҳайати таҳририя
Шокирзода Ш.Ш.,- муовини Раиси ҳайати таҳририя
**Аъзоёни ҳайати таҳририя:** Давлатзода Қ.,Одилзода У.А.,
Қосимов Х.М., Минакова С.М., Ғафуров Ш. Ҳ.,
Қулов А. Н., Асматбеков Ф. Я. Наҷибуллоев А.Қ.
**Тарҷумон:** Қаландаров М.Қ.

**Масъулин:**
- барои фаслҳои буллетен

| | | |
|---|---|---|
| Омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ | Қулов А.Н. | 227-80-88 |
| Омори нарх ва таърифа | Наҷибуллоев А.Қ. | 227-94-89 |
| Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ, молия ва қарз | Минакова С.М. | 227-98-71 |
| Савдо, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ | Асматбеков Ф.Я. | 227-82-66 |
| Кишоварзӣ, омори табиат ва ҳифзи муҳити зист | Хоҷаев З.А. | 227-81-14 |

| | |
|---|---|
| - таҳияи ҳуҷҷати асосӣ, танзими фаслҳо, ороиши техникӣ ва дизайн | Раёсати ҷамъбасту таҳлили иқтисодӣ ва робитаҳои байналмилалӣ<br>Қосимов Х.М.<br>тел.221-23-87<br>E-mail: stat@tojikiston.com |
| -барои нашри маҷмӯа | Сардори МКҲ -ии Агентии омори назди Президенти Ҷ.Т.<br>Одилзода У.<br>тел. 227-96-09 |

**Муқаддима**

Мувофиқи Матритсаи комиссияи Аврупоии Ислоҳоти Сиёсати Меморандум дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ оид ба Барномаи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таъмин намудани низоми иттилооти таъҷилӣ ва таҳлили вазъи бехатарии озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ва мӯътамадии маълумотҳо, огоҳонидани истифобарандагони маълумотҳои бехатарии озуқаворӣ, инчунин, дар бораи таҳия ва нашри буллетен ҳар семоҳа оид ба бехатарии озуқаворӣ қарор қабул карда шуда буд.

Агентии омор аз соли 2005 ин ҷониб, оид ба бехатарии озуқаворӣ маводҳои таҳлилӣ пешниҳод менамояд. Ин буллетени таҳлилӣ дар се моҳ як маротиба бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) аз чоп мебарояд.

> *«Мафҳуми бехатарии озуқаворӣ дастрас будани озуқаворӣ ба ҳамаи одамон ҳама вақт барои ҳаёти солим ва фаъолона зарур мебошад. Яъне таҳти мафҳуми бехатарии озукаворӣ ба миқдори кофӣ мавҷуд будани хӯрокворӣ, хӯроквории зикршударо дастрас кардани хонаводаҳо (чӣ аз бозор ва чӣ аз дигар манбаъ, ки қобилияти кофии харидорӣ ба эътибор гирифта мешавад), инчунин ба миқдори зарурӣ истеъмол кардани хӯрокворӣ дар назар дошта мешавад».*

Маълумотҳои заминавӣ барои буллетен оид ба бехатарии озуқаворӣ инҳоянд: истеҳсоли маҳсулоти озуқа, мавҷуд ва дастрас будани озуқаворӣ, замини кишт, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хусусиятҳои умумии иқлим, вазъияти истеъмол ва саломатӣ, бо об таъмин будан, нарх ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ки аз вазъияти бозори озуқаворӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар замимаҳои буллетен нишондиҳандаҳо барои Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, нишондиҳандаҳо дар бораи хӯроки аҳолӣ ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодии он дарҷ шудаанд.

Нашри буллетени иттилоотии ҳар семоҳаро дар бораи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки як қатор вазоратҳо, идораҳо (Вазорати

молия, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, Вазорати нақлиёт, Муассисаи давлатии обуҳавошиносӣ ва ғайраҳо) тайёр кардааст.

Нашрия барои мутахассисон ва ҳам барои ҳамаи хоҳишмандон равона карда шудааст. Тавсия, пешниҳод ва мулоҳизаҳоро нисбати мазмуни буллетен ва шакли пешниҳоди маълумотҳои оморӣ ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нишонаи зер ирсол намудан мумкин аст.

*734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш.Душанбе, кӯчаи Бохтар, 17*
*Тел: (992372) 2212387*
*Факс (992372) 2214375*
*E-mail: stat@tojikiston.com*

***Эзоҳ. Маълумотҳо аз рӯи тарози (баланси) озуқаворӣ оид ба намудҳои асосӣ дар айни замон ба нисбати ҷорӣ намудани тавсияи таҳиякардан коршиноси шӯъбаи омори ФАО дар чорчӯбаи лоиҳаи байни Агентии омор ва ФАО «Мусоидати тақвият бахшидани Низоми Иттилооти Миллӣ оид ба бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон» аз нав дида баромада мешаванд.***

© Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017

МУНДАРИЧА

**Муқаддима** ....................................................................................................3
**МАЗМУНИ МУХТАСАР** ..................................................................................7
**ФАСЛИ I. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ** ....................9
1.1. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ..........................................................................9
1.2.Индекси нарх ва таърифаҳо ........................................................................ 10
1.3. Савдои хориҷӣ............................................................................................. 11
1.4. Бозори меҳнат .............................................................................................. 11
**ФАСЛИ II. МАВҶУД БУДАНИ ОЗУҚАВОРӢ**..............................................13
**2.1. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ** ........................................... 13
**2.1.1. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ** ......................................... 13
2.1.2. Растанипарварӣ .......................................................................................... 15
2.1.3. Чорвопарварӣ.............................................................................................. 16
**2.2. Таҳлили нархи истеҳсолкунанда**............................................................... 18
**2.3. Савдои маҳсулоти асосии озуқаворӣ**....................................................... 20
**2.4. Мавҷудияти маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ** ........................ 21
**ФАСЛИ III. ДАСТРАС БУДАНИ ОЗУҚАВОРӢ** ............................................21
**3.1. Таҳлили нархҳои истеъмолӣ**..................................................................... 22
**3.2. Даромад ва хароҷот**.................................................................................... 24
3.2.1. Даромад ...................................................................................................... 25
3.2.2. Хароҷот........................................................................................................ 25
3.3. Камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................26
**3.3.1. Бо озуқаворӣ таъмин набудани хонаводаҳое, ки беш аз нисфи даромади худро барои маҳсулоти хӯрокворӣ сарф менамоянд** ........................................ 27
**ФАСЛИ IV. ИСТЕЪМОЛОТ ВА ҲАЗМКУНӢ**.................................................27
4.1. Озуқаворӣ истеъмол кардани аҳолӣ.............................................................. 28
4.2. Нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣ, ки ба даромадҳои аҳолӣ вобаста нестанд............................................................................................................ 30
4.2.1. Беморӣ ........................................................................................................... 30
**МЕТОДОЛОГИЯ**...................................................................................................35
**Замимаи 1. Маълумоти мухтасари шароити обу хаво дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи чоруми соли 2016**.................................................... 38
**Замимаи 2. Индикаторҳои мақсадноки асосии СМР-2030** ................................ 43
**Замимаи 3. Тағйироти нархҳои миёнаи яклухт (пешниҳод) дар Тоҷикистон (сомонӣ/кг)**........................................................................................................ 46
**Замимаи 4. Тағйироти нархҳои миёнаи истеъмолӣ аз рӯи семоҳаҳои солҳои 2014 - 2016 дар Тоҷикистон (сомонӣ/кг)** ........................................................................ 47
**Замимаи 5. Нишондиҳандаҳои ҷудогонаи буҷети хонаводаҳо аз рӯи гурӯҳҳои даҳфоизаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон** ..................................................... 49
**Замимаи 6. Тақсимоти хонаводаҳо ва аҳолии онҳо аз рӯи андозаи ҳисоби миёнаи даромади пулии умумии ҳар аъзои хонавода ва даромади дар ихтиёрдоштаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2016** ................................................ 50

**Замимаи 7. Хароҷоти пулии хонаводаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо) ........ 51**

**Тақсимоти хонаводаҳо ва аҳолии онҳо аз рӯи андозаи ҳисоби миёнаи хароҷоти истеъмолӣ дар соли 2015 (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо; ба ҳисоби фоиз) ........ 53**

**Тақсимоти хонаводаҳо ва аҳолии онҳо аз рӯи андозаи ҳисоби миёнаи хароҷоти истеъмолӣ дар соли 2016 (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо, ба ҳисоби фоиз) ........ 54**

**Замимаи 8. Истеъмоли хӯрокворӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар узви хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо) ........ 55**

## МАЗМУНИ МУХТАСАР

- Маҷмӯи маҳсулоти дохилии истеҳсолшуда дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 аз рӯи маълумоти фаврӣ 54471,1 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2015 бо нархҳои муқоисавӣ 106,9 фоизро ташкил медиҳад.

- Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 22234,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 - ум бо нархҳои муқоисавӣ 5,2 фоиз, аз он ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 15066,6 млн. сомонӣ ё 5,1 фоиз ва чорвопарварӣ 7167,4 млн. сомонӣ ё 5,5 фоиз зиёд шудааст.

- Дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 ҳаҷми истеҳсоли гӯшт (дар вазни зинда) дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 233329 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015-ум 7,2 фоиз зиёд аст. Ҳаҷми умумии истеҳсоли шир дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 -ум 917990 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015-ум 3,3 фоиз зиёд мебошад.

- Воридоти молҳои озуқаворӣ дар соли 2016 нисбат ба соли 2015- ум 3,0 фоиз кам шудааст, аз он ҷумла воридоти сабзавот 85,6 фоиз, орд 36,8 фоиз, меваҷот ва бехмеваҳо 31,0 фоиз, шир ва маҳсулоти шир 11,3 фоиз, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 30,1 фоиз, картошка 89,2 фоиз, макарон, угро, макарони қӯчқорак ва ғайра 22,5 фоиз.

  Зимнан, дар ин давра воридоти гандум 20,4 фоиз, тухм 32,1 фоиз, равғани растанӣ 2,9 фоиз, чой 40,0 фоиз зиёд шудааст.

- Дар соли 2016 нархи маҳсулоти хӯроквории зерин қимат шудааст: нахӯд 55,4 фоиз, себ - 38,1 фоиз, картошка - 35,7 фоиз, чойи кабуд - 27,7 фоиз, ярмаи марҷумак - 26,8 фоиз, шакар - 14,9 фоиз, равғани пахта - 12,7 фоиз, тухм - 12,1 фоиз, равғани маска - 11,9 фоиз, арақ - 10,2 фоиз ва гӯшти гов - 3,2 фоиз. Дар айни ҳол, нархи молҳои зерин арзон шудааст: биринҷ - 9,1 фоиз, карам - 4,4 фоиз, орди навъи 1-ум - 3,1 фоиз ва сабзӣ - 1,8 фоиз.

- Шумораи қувваҳои корӣ[1] (аҳолии машғули кор ва бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда) аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи декабри соли 2016-ум 2290,6 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ҷумлаи онҳо 2237,5 ҳазор нафар (97,7 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 53,1 ҳазор нафар расмӣ мақоми бекорро гирифтаанд, ки 2,3 фоизи шумораи қувваҳои кориро ташкил медиҳанд.

[1] Мафҳуми «аҳолии дар иқтисодиёт фаъол» мувофиқи қарори 19-умин Конференсияи байналмилалии оморчиёни меҳнат «Резолютсия оид ба омори фаъолияти меҳнатӣ, шуғл ва қувваҳои кории истифоданашуда» бекор карда шуд.

- Манбаи муҳимтарини даромади пулии хонаводаҳо дар соли 2016 мисли пештара даромади меҳнатӣ – 54,8 фоиз ва мадохилот аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ – 6,0 фоиз мебошад. Дар соли 2016 таносуби даромади миёнаи гуруҳҳои мухталифи даҳфоизаи аҳолӣ 10,2 баробарро ташкил кардааст.

- Дар соли 2016 истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ ба ҳисоби миёна ба як нафар узви хонавода 151,49 килограммро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2015 ба 1,59 килограмм ба як узви хонавода зиёд шудааст.

- Дараҷаи музди ҳақиқии меҳнат (бо назардошти тағйироти индекси нархҳо) дар моҳи декабри соли 2016 нисбат ба моҳи ноябри соли 2016- ум 12,9 фоиз зиёд ва нисбат ба моҳи декабри соли 2015-ум 9,2 фоиз зиёд шудааст.

- Музди меҳнати камтарин дар моҳи декабри соли 2016 дар бахши воқеии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар кормандони кишоварзӣ, шикор, ҷангалпарварӣ – 404,44 сомонӣ ва моҳипарварӣ – 814,80 сомониро ташкил дод.

- Маблағи умумии қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат бо назардошти солҳои гузашта то охири моҳи декабри соли 2016 – ум 56019,6 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар соли ҳисоботи 2016-ум 44970,1 ҳазор сомонӣ ё 80,3 фоизи маблағи умумии қарздориро ташкил додааст.

- Қарздории аз ҳама зиёд дар бахши воқеии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар сохтмон – 36159,4 ҳазор сомонӣ (64,5 фоиз аз ҳаҷми умумии қарздорӣ), дар саноати коркард - 4032,5 ҳазор сомонӣ (7,2 фоиз), саноати истихроҷи аъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо – 6677,5 ҳазор сомонӣ (11,9 фоиз), дар кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ – 4399,0 ҳазор сомонӣ (7,8 фоиз), боқӣ мондааст.

# ФАСЛИ I. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

**Нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар поён пешниҳод шудаанд, вазъи умумии иқтисодиёти мамлакатро барои таҳлили ҳолати бехатарии озуқаворӣ тавсиф менамоянд.**

## 1.1. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии истеҳсолшуда дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 аз рӯи маълумоти фаврӣ 54471,1 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2015 бо нархҳои муқоисавӣ 106,9 фоизро ташкил медиҳад.

Ба афзоиши бештари ММД зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ таъсир расондааст.

**Ҷадвали 1: Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ**

| | 2014 | 2015 | с.2016[1] |
|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ, (дар охири давра) млн.нафар. | 8,4 | 8,5 | 8,7 |
| ММД-и номиналӣ (млн. сомонӣ) | 45606,6 | 48408,7 | 54471,1 |
| аз он ҷумла ба ҳисоби фоиз: | | | |
| кишоварзӣ | 23,5 | 22,0 | 20,7 |
| саноат | 12,0 | 13,3 | 15,1 |
| хизматрасонӣ ва савдо | 50,5 | 52,1 | 52,9 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | 5523,7 | 5727,8 | 6299,6 |
| Афзоиши ММД, ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта | 6,7 | 6,0 | 6,9 |
| Касри/фоидаи буҷети давлатӣ (ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД) | 2,7 | 0,8 | -1,7 |
| Индекси нархҳои истеъмолӣ, ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта | 106,1 | 105,8 | 105,9 |
| Индекси нархи молҳои озуқаворӣ | 107,5 | 106,8 | 105,0 |
| Индекси нархҳои хизматрасонӣ | 104,3 | 103,0 | 104,9 |
| Қурби сомонӣ нисбат ба доллар | 4,9349 | 6,1645 | 7,8356 |
| Сатҳи бекории расмӣ ба қайд гирифташуда (фоиз) | 2,4 | 2,5 | 2,3 |
| Шумораи бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда, ҳазор нафар | 55,5 | 51,1 | 53,1 |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта | 103,0 | 92,1 | 103,9 |
| [1)] *маълумотҳои пешакӣ* | | | |

| | 2014 | 2015 | с.2016[1] |
|---|---|---|---|
| Музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа (сомонӣ) | 819,59 | 879,21 | 960,17 |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта | 117,5 | 107,3 | 109,2 |
| Тарози (балансი) савдо (млн. доллар) | -3361,3 | -2545,0 | -117,7 |
| Ҳиссаи озуқаворӣ дар воридот, ба ҳисоби фоиз | 20,5 | 23,1 | 24,7 |
| Ҳиссаи озуқаворӣ дар содирот, ба ҳисоби фоиз | 4,4 | 4,8 | 2,6 |
| [1)] *маълумотҳои пешакӣ* | | | |

*Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

### 1.2.Индекси нарх ва таърифаҳо

Индекси нархҳои истеъмолӣ дар моҳи декабри соли 2016-ум 100,3 фоиз аз он ҷумла ба молҳои озуқа – 101,0 фоиз, молҳои ғайриозуқа - 100,0 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 98,8 фоизро ташкил дод.

Дар соли 2016 индекси нархҳои истеъмолӣ 106,1 фоиз аз он ҷумла ба молҳои озуқа - 106,8 фоиз, ба молҳои ғайриозуқа - 105,7 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 104,5 фоизро ташкил кард.

**Графики 1: Тағйироти индекси нархҳои истеъмолии молҳои озуқа, ғайриозуқа ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ (дар охири моҳ ба ҳисоби фоиз нисбат ба моҳи декабри соли 2014)**




Дар давоми моҳҳои январ - декабри соли 2016 афзоиши нархи молҳои озуқа нисбат ба нархи молҳои ғайриозуқа бештар тағйир ёфтааст.

Дар фасли 3 оид ба дастрас будани аҳолӣ ба озуқаворӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

### 1.3. Савдои хориҷӣ

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3929,6 млн. доллари ИМА - ро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ–декабри соли 2015-ум 9,2 фоиз ё 396,6 млн. доллар кам мебошад. Тарози савдо манфӣ буда, дар моҳҳои январ – декабри соли 2016–ум -2132,2 млн. долларро ташкил кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 110 мамлакат, аз он ҷумла бо 10 мамлакати ИДМ ва бо 100 мамлакати хориҷи дур муносибати савдои хориҷӣ дорад.

Дар гардиши савдои хориҷӣ ба ҳиссаи мамлакатҳои ИДМ 50,1 фоиз ё 1967,9 млн. доллар ва ба ҳиссаи мамлакатҳои хориҷи дур 49,9 фоиз ё 1961,7 млн. доллар рост меояд. Касри тарози савдо бо мамлакатҳои ИДМ –1379,1 млн. доллар, бо мамлакатҳои хориҷи дур –753,1 млн. долларро ташкил додааст.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 содироти мол 898,7 млн. долларро ташкил кард, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2015 -ум 0,9 фоиз ё 8,1 млн. доллар зиёд шудааст.

Воридоти мол ба ҷумҳурӣ 3030,9 млн. долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2015-ум 11,8 фоиз ё 404,7 млн. доллар кам шудааст.

Дар содирот аз ҷумлаи маҳсулоти растанӣ ҳиссаи меваҷот ва сабзавот бештар аст, ки бо арзиши умумии 11841,6 ҳазор доллар ва сабзавот ба маблағи 7278,0 ҳазор доллар, дар воридот бошад, гандум ба маблағи 231431,4 ҳазор доллар ва орд ба маблағи 28750,5 ҳазор доллар афзалият доранд.

### 1.4. Бозори меҳнат

Шумораи қувваҳои корӣ[2] (аҳолии машғули кор ва бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда) аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи декабри соли 2016-ум 2290,6 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ҷумлаи онҳо 2237,5 ҳазор нафар (97,7 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 53,1 ҳазор нафар расмӣ мақоми бекорро гирифтаанд, ки 2,3 фоизи шумораи қувваҳои кориро ташкил медиҳанд.

Шумораи бекорони дар Агентиҳои меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон расмӣ ба қайд гирифташуда дар охири моҳи декабри соли 2016-ум 53,1 ҳазор нафарро ташкил карда, нисбат ба моҳи ноябри соли 2016-ум 4,0 фоиз кам шудааст. Аз ҷумлаи бекорони ба қайд гирифташуда занон 51,5 фоиз (27,4 ҳазор нафар). Сатҳи бекории расмӣ ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи қувваҳои корӣ 2,3 фоизро ташкил кардааст.

Сатҳи бекории расмӣ ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи қувваҳои корӣ 2,3 фоизро ташкил кардааст.

Музди меҳнати камтарин дар моҳи декабри соли 2016 дар бахши воқеии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар кормандони кишоварзӣ, шикор, ҷангалпарварӣ – 404,44 сомонӣ ва моҳипарварӣ – 814,80 сомониро ташкил дод. Музди меҳнати аз

[2] Мафҳуми «аҳолии дар иқтисодиёт фаъол» мувофиқи қарори 19-умин Конференсияи байналмилалии оморчиёни меҳнат «Резолютсия оид ба омори фаъолияти меҳнатӣ, шуғл ва қувваҳои кории истифоданашуда» бекор карда шуд.

ҳама баланд дар бахши воқеии иқтисодиёт дар сохтмон – 2765,21 сомонӣ, дар саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо – 2236,82 сомонӣ, саноати коркард – 1367,94 дар нерӯи барқ, газ ва таъминоти об – 1326,79 сомонӣ буд. Умуман дар бахши воқеии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнат дар моҳи декабри соли 2016-ум 1237,90 сомониро ташкил дод ва нисбат ба моҳи декабри соли 2015-ум 20,1 фоиз афзудааст.

Дар бахши хизматрасонии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ музди меҳнати аз ҳама баланд дар кормандоне, ки фаъолияти миёнаравиҳои молиявиро иҷро мекунанд – 3203,33 сомонӣ; дар нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа – 2374,46 сомонӣ; дар намудҳои фаъолияти меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо – 1270,70 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст. Умуман музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати кормандони бахши хизматрасонии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар моҳи декабри соли 2016-ум 1183,91сомониро ташкил дод ва нисбат ба моҳи декабри соли гузашта 14,6 фоиз афзудааст.

**Графики 2: Динамикаи индекси нархҳои истеъмолӣ, музди номиналӣ ва ҳақиқии меҳнат (декабри соли 2011 = 100)**




Маблағи умумии қарздорӣ аз пардохти музди меҳнат бо назардошти солҳои гузашта то охири моҳи декабри соли 2016 – ум 56019,6 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар соли ҳисоботи 2016-ум 44970,1 ҳазор сомонӣ ё 80,3 фоизи маблағи умумии қарздориро ташкил додааст.

Қарздории аз ҳама зиёд дар бахши воқеии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар сохтмон – 36159,4 ҳазор сомонӣ (64,5 фоиз аз ҳаҷми умумии қарздорӣ), дар саноати коркард - 4032,5 ҳазор сомонӣ (7,2 фоиз), саноати истихроҷи маъданҳои куҳӣ ва коркарди конҳо – 6677,5 ҳазор сомонӣ (11,9 фоиз), дар кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ – 4399,0 ҳазор сомонӣ (7,8 фоиз), боқӣ мондааст. Қарздории аз ҳама зиёд дар бахши хизматрасонӣ дар дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ – 1303,6 ҳазор сомонӣ (2,3 фоиз аз ҳаҷми умумии қарздорӣ), амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ – 842,1 ҳазор сомонӣ (1,5 фоиз) тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 689,8 ҳазор сомонӣ (1,2 фоиз) ва маориф – 602,8 ҳазор сомонӣ (1,1 фоиз) ба қайд гирифта шудааст.

## ФАСЛИ II. МАВҶУД БУДАНИ ОЗУҚАВОРӢ

*Мавҷуд будани озуқаворӣ - мавҷудияти миқдори озуқаворӣ дар натиҷаи истеҳсоли худӣ ё аз ҳисоби бозор мебошад. Дар сатҳи мамлакат мавҷуд будани озуқаворӣ аз рӯи ҷамъи захираҳои озуқаворӣ, воридоти тиҷоратӣ, ёрии озуқаворӣ ва истеҳсолоти худӣ муайян карда мешавад. Ба мавҷудият омилҳои зерин: шароити обу ҳаво, ҳосилнокӣ, саршумор ва маҳсулнокии чорво, нархи муқарраркардаи истеҳсол-кунандаҳо ба озуқаворӣ, нархи хӯрокворӣ дар мамлакатҳои ҳамсоя, инчунин масъалаҳои сиёсати дохилӣ, ки истеҳсолот, савдо, тақсимот ва нархгузориро муайян менамоянд, ба назар гирифта мешаванд.*

### 2.1. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ

Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 22234,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 - ум бо нархҳои муқоисавӣ 5,2 фоиз, аз он ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 15066,6 млн. сомонӣ ё 5,1 фоиз ва чорвопарварӣ 7167,4 млн. сомонӣ ё 5,5 фоиз зиёд шудааст.

### 2.1.1. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ
### Таъсири шароити обу ҳаво ва иқлим ба растанипарварӣ

**Октябр.** Ҳавои моҳи октябр дар ҷумҳурӣ муътадил гарм буд. Ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар аксари ноҳияҳо аз меъёр 1$^0$С баланд, дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳҳо дар ҳадди меъёр ва аз рӯи нишондодҳои миёнаи пешгӯиҳои дарозмуддат дар водиҳо ва ноҳияҳои доманакӯҳ 11+17$^0$С гарм, дар ноҳияҳои кӯҳӣ 4-12$^0$С (Дарвоз +16$^0$С) гарм, дар баландкӯҳҳои ВМКБ 1-2$^0$С гармиро ташкил дод.

Миқдори моҳонаи боришот дар аксари ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз меъёр паст буда, дар баъзе маҳаллаҳо аз меъёр кам ва водиҳо-ноҳияҳои доманакӯҳӣ вилояти Суғд 147-307 фоиз аз меъёр; дар водиҳо ва ноҳияҳои доманакӯҳӣ вилояти Хатлон 41-196 фоиз) аз меъёр, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 98-177 фоиз, ғарби ВМКБ 74-305 фоиз, шарқи ВМКБ 18-250 фоиз аз меъёрро ташкил дод.

Сарфаи миёнаи моҳонаи дар давоми моҳи октябр дар дарёҳои ҷумҳури пастшавии сарфи об давом ёфт. Танҳо дар даҳаи сеюми моҳи октябр дар ҷануби дарёҳои Ёхсу - Восеъ бо сабаби боришоти моеъ сарфаи зиёди об ба қайд гирифта шуд.

Об дар аксари дарёҳои ҷумҳури дар ҳадди меъёр ва аз меъёр паст (67-110 фоиз) ва нисбати соли гузашта, ба истисноӣ дар дарёи Зарафшон - Ду пулӣ сарфи об 116 фоиз аз меъёр зиёд буд.

**Ноябр.** Ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар ҷумҳурӣ ба 1-2$^0$С аз меъёр паст, (ба истисноӣ ВМКБ), аз меъёр зиёд ба 2-5$^0$С ва он дар водиҳо ва ноҳияҳои доманакӯҳ 4-8$^0$С гарм, дар ноҳияҳои кӯҳӣ -1+4$^0$С (Дарвоз +8$^0$С гарм), шарқӣ ВМКБ -4-7$^0$С хунукиро ташкил дод.

Ҳарорати нисбатан гармтари ҳаво дар ҷумҳурӣ дар давраи 1-3, 5-8, 10-18 ноябр ҳангоме ба қайд гирифта шуд, ки дар ин давра ҳарорати рӯзонаи ҳаво баланд шуда, он дар водиҳои вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 20+25⁰С то 26-31⁰С гармиро ташкил дод. Дар давраи 1-3 ноябр дар водиҳои вилояти Суғд ҳарорати баландтарини ҳаво то 20+24⁰С гарм баланд шуд ва ҳарорати миёнаи шабонарӯзии ҳаво ба 2-8⁰С аз миёнаи бисёрсола баланд рост омад.

Дар моҳи ноябр дар дарёҳои ҷумҳурӣ тадриҷан пастшавии сатҳи об ба қайд гирифта шуд. Танҳо 21-22 ноябр дар дарёҳои Ёхсу ва дар нишебиҳои ҷануби қаторкӯҳҳои водии Ҳисор бо сабаби боришоти шиддатнок (дар водиҳо борон гузариш ба барф. дар ноҳияҳои кӯҳӣ барф), ки баландшави сатҳи оби дарёҳо аз 19 то 22см мушоҳида карда шуд.

Сарфаи миёнаи моҳонаи об дар аксари дарёҳои ҷумҳурӣ дар ҳадди ва аз меъёр баланд (97-118 фоиз), ба истисноии дарёҳои Қаратоғ - Қаратоғ ва Вахш - Дарбанд сарфи об аз меъёри муқаррарӣ (58-93 фоиз) паст буд.

**Декабр.** Ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар аксари ноҳияҳо дар ҳадди меъёр, фақат дар ВМКБ аз меъёр 1-3⁰С баланд буд ва он дар водиҳо ва доманакӯҳҳо 0+6⁰С гарм, ноҳияҳои кӯҳӣ 1-6⁰С, баландкуҳҳо 12-17⁰С хунукро ташкил дод.

Ҳарорати ҳавои нисбатан гармтар дар водиҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон рӯзҳои 1-2, 15-17 ва 27-31 декабр ба қайд гирифта шуд. Дар ин давра ҳарорати рӯзонаи ҳаво дар водиҳо то 15+20⁰С, дар водиҳои вилояти Суғд 8+15⁰С гарм рост омад. Ҳарорати миёнаи шабонарӯзии ҳаво 2-6⁰С аз меъёр баланд буд.

Дар давоми моҳи декабр дар дарёҳои ҷумҳурӣ тадриҷан пастшавии сатҳи об ба амал омад. Танҳо дар даҳаи саввуми моҳ дар дарёҳои Ёхсу, Қизилсу (ҷануб) ва ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор зиёдшавии сатҳи об бо сабаби боридани боришот ба қайд гирифта шуд.

Сарфаи миёнаи моҳонаи об дар дарёҳои ҷумҳурӣ дар ҳадди меъёр ва аз меъёр зиёд (94-129 фоиз) буд, дар дарёи Исфара-Тошқурғон, Вахш-Рашт сарфаи миёнаи об (79-82 фоиз) аз меъёр пастро ташкил дод.

**Ҷадвали 2: Ҳолати обанборҳо дар 31 декабри соли 2016**

| обанбор | тағйирот дар давоми моҳ млн.м$^3$ | ҳаҷми об дар соли 2016 | | ҳаҷми об дар соли 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | млн.м$^3$ | бо фоиз нисбат ба ғунҷоиш | млн.м$^3$ | бо фоиз нисбат ба ғунҷоиш |
| Қайроққум | 0,324 | 3281 | 78,9 | 3281,8 | 78,9 |
| Норак | 0,544 | 9537 | 90,8 | 9536,8 | 90,8 |

## 2.1.2. Растанипарварӣ

**Ҷадвали 3: Замини кишт ва ҷамъоварии умумӣ**

| | с.2014 | с.2015 | с.2016 |
|---|---|---|---|
| **Замини кишт, ҳазор гектар** | 828,5 | 830,5 | 837,3 |
| Зироатҳои тирамоҳӣ | 264,7 | 256,9 | 259,0 |
| Зироатҳои ғалладона | 264,7 | 256,9 | 259,0 |
| Зироатҳои баҳорӣ | 563,8 | 573,6 | - |
| Зироатҳои ғалладона | 147,9 | 166,8 | 164,4 |
| аз он ҷумла: | | | |
| **гандум** | 52,3 | 62,0 | 62,5 |
| **ҷав** | 50,9 | 54,7 | 53,6 |
| **Зироатҳои техникӣ** | 207,7 | 188,6 | 190,7 |
| Картошка | 35,5 | 39,8 | 41,6 |
| Сабзавот | 48,5 | 55,4 | 58,2 |
| Полизӣ | 19,4 | 21,4 | 20,0 |
| **Ҷамъоварии умумии ҳосил, ҳазор тонна** | | | |
| ғалладона | 1317,8 | 1392,8 | 1435,8 |
| картошка | 853,7 | 887,4 | 898,1 |
| сабзавот | 1549,5 | 1667,9 | 1748,3 |
| полизӣ | 545,7 | 592,4 | 594,2 |

*Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 1435801 тонна ғалладона, 284705 тонна пахта, 898095 тонна картошка, 1748276 тонна сабзавот, 594171 тонна полизӣ, 364799 тонна меваҷот ва 214776 тонна ангур истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015-ум ғалладона 3,1 фоиз, пахта 5,4 фоиз, картошка 1,2 фоиз, сабзавот 4,8 фоиз, полизӣ 0,3 фоиз, меваҷот 22,1 фоиз ва ангур 5,4 фоиз зиёд мебошад.

***Ҷамъоварии ҳосил***

Дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ то 1 январи соли 2017-ум 313111 гектар зироати ғалладона ва лӯбиёӣ (бе ҷуворимакка) ҷамъоварӣ карда шуд, 858421 тонна ғалла истеҳсол карда шудааст ва ҳосилнокии ҳар гектар 27,5 сентнериро ташкил намуд. Аз 22308 гектар 508901 тонна картошка ҷамъоварӣ шудааст, ки ҳосилнокии ҳар гектар 228,1 сентнериро ташкил додааст, аз 30439 гектар 770590 тонна сабзавот истеҳсол шудааст, ки ҳосилнокии ҳар гектар 253,2 сентнериро ташкил медиҳад. Аз 16683 гектар 403222 тонна зироати полизӣ ҷамъоварӣ карда шудааст, ки ҳосилнокии ҳар гектар 241,7 сентнериро ташкил медиҳад. Дар ҳамин давра 172153 тонна мева ҷамъоварӣ карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7 баробар зиёд ва 100476 тонна ангур ҷамъоварӣ карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,3 фоиз зиёд мебошад.

***Кишти барвақтии зироатҳои баҳорӣ***

То 1 январи соли 2017 дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ дар 14694 гектар кишти зироатҳо гузаронида шудааст. Аз замини умумии кишт 1543 гектарро картошка, 10463 гектар сабзавот, 58 гектар сабзаввоти тухмӣ ва 2630 гектарро зироатҳои хӯроки чорво ташкил медиҳад. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта картошка 18,5 фоиз, сабзавот 4,8 фоиз, зироатҳои хӯроки чорво 10,1 фоиз ва сабзавоти тухмӣ 39,6 фоиз кам кишт карда шудааст.

***Захираи тухмӣ***

То 1 январи соли 2017 хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 53112 тонна ғалладонаи тухмӣ (аз ҷумла гандум 45398 тонна), ҷуворимакка 722 тонна ва картошка 34392 тонна захира намудаанд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта тухмии ғалладона ва лӯбиёӣ 8,7 фоиз, аз ҷумла гандум 6,6 фоиз; ҷуворимакка 18,9 фоиз ва картошка 24,8 фоиз зиёд захира карда шудааст.

***Бунёди боғу токзорҳои нав***

То 1 январи соли 2017 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 4261 гектар, боғҳои нав бунёд карда шудаанд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта 0,3 фоиз кам мебошад. Аз масоҳати умумии боғҳо 1755 гектар мевагиҳои тухмдор, 2217 гектар мевагиҳои донакдор, 233 гектар мағздор, 54 гектар субтропикӣ ва 2 гектар ситрусӣ шинонда шудааст. Аз миқдори умумии боғҳои нав 1314 гектар дар заминҳои лалмӣ бунёд карда шудаанд.

Дар ҳамин давра 465 гектар токзорҳои нав бунёд карда шудаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40,5 фоиз зиёд аст. Ба ғайр аз ин, 825 гектар боғ ва 90 гектар токзорҳо барқарор карда шудаанд.

### 2.1.3. Чорвопарварӣ

То 1 январи соли 2017 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо саршумори чорвои калони шохдор 2268,8 ҳазор сарро ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 80,8 ҳазор сар ё 3,7 фоиз зиёд аст. Дар ҳамин давра саршумори гӯсфанду буз 5415,3 ҳазор сарро ташкил дода, 213,8 ҳазор сар ё 4,1 фоиз афзуд. Аз саршумори умумӣ 92,9 фоизи саршумори чорвои калони шохдор ва 82,0 фоизи саршумори гӯсфанду буз ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд.

Афзоиши саршумори чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои вилоятҳои Хатлон 5,0 фоиз, Суғд 3,8 фоиз, ВМКБ 2,4 фоиз ва НТҶ 1,8 фоизро ташкил дод.

**Ҷадвали 4: Нишондиҳандаҳои асосии маҳсулоти чорвопарварӣ дар ҷумҳурӣ**

| | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|
| **Истеҳсол, ҳаз. тонна** | | | |
| Гӯшт (дар вазни кушташуда) | 99,4 | 108,8 | 116,7 |
| аз он ҷумла: | | | |
| гӯшти гову гӯсола | 44,2 | 48,4 | 51,9 |
| гӯшти гӯсфанду буз | 49,4 | 54,1 | 58,0 |
| гӯшти мурғ | 1,5 | 1,6 | 1,7 |
| гӯшти дигар намуди чорво | 4,3 | 4,7 | 5,1 |
| Шир | 854,7 | 888,9 | 918,0 |
| Тухм, млн. дона | 350,0 | 357,2 | 337,2 |
| **Маҳсулнокӣ[1]** | | | |
| Ҳисоби миёнаи ширдушӣ аз як сар модагов, кг | 1618 | 1679 | 1676 |
| Тухмгирӣ аз як сар мокиён, дона | 223 | 221 | 201 |

[1)] *дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ*

**Графики 3: Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорвопарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ то 1 январи соли 2017, ҳазор тонна**



## 2.2. Таҳлили нархи истеҳсолкунанда

**Ҷадвали 5: Тағйироти нархи истеҳсолкунанда**

*(сомонӣ/кг)*

| | 2014 | | | | 2015 | | | | 2016 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **сем. I** | **сем. II** | **сем. III** | **сем. IV** | **сем. I** | **сем. II** | **сем. III** | **сем. IV** | **сем. I** | **сем. II** | **сем. III** | **сем. IV** |
| Гандум | 1,85 | 1,32 | 1,35 | 1,32 | 1,22 | 1,60 | 1,50 | 1,52 | 1,42 | 1,69 | 1,50 | 1,38 |
| Шир | 2,57 | 2,43 | 2,40 | 2,30 | 1,86 | 2,48 | 2,10 | 2,19 | 1,07 | 2,43 | 2,50 | 1,85 |
| Картошка | 1,28 | 1,74 | 1,26 | 2,00 | 1,37 | 1,17 | 1,32 | 1,39 | 0,78 | 1,24 | 1,34 | 1,58 |

*Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар соли 2016 воридоти гандум нисбат ба соли 2015-ум 20,4 фоиз зиёд шудааст.

**Графики 4: Тағйироти нархҳои чакана ва нархҳои истеҳсолкунандаҳо ба картошка, сомонӣ/кг**



**Графики 5: Тағйироти нархҳои чакана ва нархҳои истеҳсолкунандаҳои шир, сомонӣ/кг**




**Графики 6: Тағйироти нархҳои чакана ва нархҳои истеҳсолкунандаҳои гандум, сомонӣ/кг**




Аз диаграммаҳои овардашуда дида мешавад, ки тамоюли тағйироти нархҳои чакана аз тағйироти нархҳои истеҳсолкунандаҳо зиёд аст. Чунин вазъият ба ҳамаи намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ хос аст (ниг. ба замимаҳои 3 ва 4).

## 2.3. Савдои маҳсулоти асосии озуқаворӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи молҳои озуқаворӣ дар ҳаҷми умумии содирот дар солҳои 2015 - 2016 - ум мутобиқан 4,8 ва 3,4 фоизро ташкил кардааст. Дар воридот таносуби онҳо хеле зиёд буда, мутобиқан 23,1 ва 21,5 фоизро ташкил дод.

Молҳои асосии воридшаванда аз инҳо иборатанд: гандум ва орд, ки таносуби бештарро ташкил медиҳанд, қанду шакар, равғани растанӣ, сабзавот, меваҷот, картошка, маҳсулот аз орд (макарон, угро, макарони қӯчқорак, нон, кулчаҳои қандин (пирожниҳо ва печениҳо), маҳсулоти ширӣ, тухм, чой ва ғайраҳо.

Воридоти молҳои озуқаворӣ дар соли 2016 нисбат ба соли 2015- ум 3,0 фоиз кам шудааст, аз он ҷумла воридоти сабзавот 85,6 фоиз, орд 36,8 фоиз, меваҷот ва бехмеваҳо 31,0 фоиз, шир ва маҳсулоти шир 11,3 фоиз, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 30,1 фоиз, картошка 89,2 фоиз, макарон, угро, макарони қӯчқорак ва ғайра 22,5 фоиз.

Зимнан, дар ин давра воридоти гандум 20,4 фоиз, тухм 32,1 фоиз, равғани растанӣ 2,9 фоиз, чой 40,0 фоиз зиёд шудааст.

**Ҷадвали 6: Содироту воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар солҳои 2015 - 2016**

*(ҳазор тонна)*

| | содирот | | 2016 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2015 | воридот | | 2016 ба ҳисоби фоиз нисбат ба 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | | 2015 | 2016 | |
| Молҳои озуқаворӣ | 229,3 | 182,6 | 79,6 | 1614,4 | 1565,4 | 97,0 |
| *аз онҳо:* | | | | | | |
| гандум | 0,1 | - | - | 858,9 | 1034,1 | 120,4 |
| орд | 0,0 | 0,2 | - | 140,4 | 88,8 | 63,2 |
| қанду шакар ва маснуоти қаннодӣ | 0,0 | 0,08 | - | 148,9 | 104,1 | 69,9 |
| макарон, угро, макарони қӯчқорак ва ғайра | 0,0 | 0,0 | - | 17,3 | 13,4 | 77,5 |
| равғани растанӣ | 0,0 | 0,1 | - | 84,1 | 86,5 | 102,9 |
| шир ва маҳсулоти ширӣ | 0,1 | 0,1 | 100,0 | 11,5 | 10,2 | 88,7 |
| тухм | - | 0,0 | - | 2,8 | 3,7 | 132,1 |
| чой | 0,0 | 0,06 | - | 5,0 | 7,0 | 140,0 |
| картошка | 0,5 | 0,8 | 160,0 | 51,0 | 5,5 | 10,8 |
| сабзавот | 119,9 | 99,8 | 83,2 | 16,0 | 2,3 | 14,4 |
| меваҷот ва бехмеваҳо | 31,4 | 22,0 | 70,1 | 34,9 | 24,1 | 69,0 |
| шарбати мева ва сабзавот | 0,1 | 0,03 | 30,0 | 1,4 | 1,4 | 100,0 |
| сабзавоти консервишуда, қайлаҳои помидор | - | 0,05 | - | 0,0 | 0,87 | - |
| Ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз | 4,8 | 3,4 | 70,8 | 23,1 | 21,5 | 93,1 |

### 2.4. Мавҷудияти маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ

Мавҷудияти маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар аҳолӣ ба воситаи тарозӣ (баланси) озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар тарозӣ (баланси) озуқаворӣ ҳар кадом маҳсулоти асосии озуқа аз ҷиҳати мавҷудияти умумии худи маҳсулот ва истеъмоли он дар давраи муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. **Мавҷудияти умумии физикӣ** худи маҳсулот маҷмӯи захираи он дар оғози давра, истеҳсол ва воридоти маҳсулоти зикршуда дар ҳамон давра мебошад. **Истеъмоли умумӣ** аз истеъмоли озуқа+хӯроки чорво+тухмӣ-талафот-содирот ва захираи охири давра иборат мебошад. Ба ҳар кадом давра мавҷудият ва истеъмоли ҳар кадом мол бояд мувофиқат кунад.

Дар мавриди мавҷуд будани тарозӣ (баланси) озуқаворӣ барои якчанд сол, аз рӯи он тамоюли тағйироти мавҷудияти умумӣ, воридот, содирот, инчунин барои истеъмоли аҳолӣ ва барои хӯроки чорво мавҷуд будани озуқавориро мушоҳида кардан мумкин аст. Агар мавҷудияти умумии захираи озуқаворӣ барои истеъмол ба шумораи аҳолӣ тақсим карда шавад, дар он сурат нишондиҳандаи муҳим ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ барои як сол мавҷуд будани озуқаворӣ ҳосил мешавад. Нишондиҳандаи мавҷудияти озуқаворӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна оварда шудааст ва дар он манбаи дастрас будан ба хонавода (имконияти истеҳсол, дарёфт кардан ё гирифтани озуқа бо ҳар усул) ба назар гирифта намешавад.

**Ҷадвали 7: Истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ**

**(ба ҳар нафар аҳолӣ, кг. дар як моҳ)**

| | с.2015 | с.2016 |
|---|---|---|
| маҳсулоти ғалладона (ба ҳисоби орд) | 12,49 | 12,62 |
| картошка | 2,98 | 3,28 |
| сабзавоту полизӣ | 6,67 | 6,70 |
| меваҷоту буттамева | 2,99 | 2,53 |
| қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | 1,14 | 1,19 |
| гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 1,22 | 1,23 |
| шир ва маҳсулоти ширӣ | 4,79 | 4,96 |
| тухм, дона | 6,0 | 6,0 |
| равғани растанӣ | 1,31 | 1,43 |
| моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ | 0,03 | 0,04 |

*Манбаъ: Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо*

## ФАСЛИ III. ДАСТРАС БУДАНИ ОЗУҚАВОРӢ

**Мафҳуми дастрас будани озуқаворӣ маънии онро дорад, ки ҳамаи аъзои хонавода барои дарёфти маҳсулоте, ки талаботашонро ба истеъмоли озуқавории хушсифат барои зиндагии солиму фаъолона қонеъ мекарда бошад, манбаи кофӣ дар ихтиёр доранд. Аъзои хонавода маҳсулотро метавонад ба воситаи истеҳсол барои истеъмолоти худ ба даст орад, аз бозор харидорӣ кунад, ё ҳамчун маҳсулоти хайрия дастрас намояд.**

### 3.1. Таҳлили нархҳои истеъмолӣ

Дар моҳи декабри соли 2016-ум аз маҳсулоти хӯроквории мушоҳидашуда, нархи молҳои зерин қимат шудааст: бехпиёз 14,3 фоиз, картошка - 10,4 фоиз, лиму - 6,5 фоиз, себ - 3,0 фоиз, равғани пахта - 2,7 фоиз, шир ва равғани маска - 2,0 фоизӣ ва чойи кабуд - 1,7 фоиз. Зимнан, дар моҳи гузашта нархи сабзӣ 10,4 фоиз, тухм - 6,9 фоиз, карам - 6,3 фоиз, шакар - 3,3 фоиз, биринҷ - 2,0 фоиз ва гӯшти гов - 1,2 фоиз арзон шудааст (ниг. ба ҷадвали 8, замимаи 4).

**Ҷадвали 8. Сатҳи нархи миёнаи маҳсулоти алоҳидаи озуқа дар бахши истеъмолӣ ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ дар ҷадвали зер оварда шудааст:**

*дар охири давра, бо сомонӣ ва дирам ба 1 кг, литр, дона*

| | *с. 2015* | *с. 2016* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *декабр* | *январ* | *март* | *июл* | *октябр* | *ноябр* | *декабр* |
| гӯшти гов | 30,30 | 29,97 | 30,83 | 31,14 | 31,78 | 31,63 | 31,26 |
| равғани маска | 36,75 | 37,25 | 38,45 | 39,12 | 40,24 | 40,24 | 40,75 |
| равғани пахта | 9,51 | 10,18 | 10,29 | 10,53 | 10,58 | 10,47 | 10,75 |
| шири рехташаванда | 3,87 | 3,78 | 3,46 | 3,26 | 3,53 | 3,52 | 3,58 |
| тухм (10 дона) | 7,36 | 7,27 | 7,03 | 7,02 | 8,54 | 8,86 | 8,25 |
| шакар | 6,07 | 6,83 | 6,57 | 7,12 | 7,35 | 7,21 | 6,97 |
| намак | 0,88 | 0,89 | 0,92 | 0,92 | 0,93 | 0,93 | 0,93 |
| орди навъи 1-ум | 3,41 | 3,55 | 3,10 | 3,12 | 3,11 | 3,11 | 3,11 |
| нони орди навъи1-ум | 4,36 | 4,36 | 4,30 | 4,23 | 4,23 | 4,23 | 4,23 |
| биринҷ | 8,39 | 8,18 | 8,24 | 8,14 | 8,20 | 7,41 | 7,14 |
| картошка | 1,69 | 1,79 | 1,89 | 1,79 | 1,74 | 2,08 | 2,22 |
| бехпиёз | 1,60 | 1,78 | 1,74 | 1,04 | 1,29 | 1,40 | 1,60 |
| сабзӣ | 1,24 | 1,04 | 0,93 | 2,67 | 1,56 | 1,36 | 1,22 |
| себ | 5,74 | 5,70 | 6,85 | 6,57 | 7,58 | 7,69 | 7,92 |
| арақ | 16,85 | 16,67 | 16,67 | 17,00 | 17,19 | 17,19 | 17,34 |

Дар соли 2016 нархи маҳсулоти хӯроквории зерин қимат шудааст: нахӯд - 55,4 фоиз, себ - 38,1 фоиз, картошка - 35,7 фоиз, чойи кабуд - 27,7 фоиз, ярмаи марҷумак - 26,8 фоиз, шакар - 14,9 фоиз, равғани пахта - 12,7 фоиз, тухм - 12,1 фоиз, равғани маска - 11,9 фоиз, арақ - 10,2 фоиз ва гӯшти гов - 3,2 фоиз. Дар айни ҳол, нархи молҳои зерин арзон шудааст: биринҷ - 9,1 фоиз, карам - 4,4 фоиз, орди навъи 1-ум - 3,1 фоиз ва сабзӣ - 1,8 фоиз.

**Графики 7: Ҳисоби миёнаи ҳармоҳаи нархи картошка, сомонӣ/ кг**




***Картошка***. Нархи картошка вобаста ба тамоюлоти мавсим, ҳамчунин ба тамоюлоти талаботу пешниҳод алоқаманд аст. Нархи баланди мавсимӣ дар семоҳаи дуюми ҳар сол то ҳосили нави аввалин қайд карда мешавад. Дар моҳи марти соли 2016 нархи 1 килограмм картошка 1,89 сомониро ташкил кард, ки нисбат ба моҳи марти соли 2015 -ум 20,3 фоиз кам аст, дар моҳи июн бошад, 1 килограмм 1,64 сомониро ташкил кард. Дар моҳи сентябри соли 2016 нархи 1 килограмм картошка 1,87 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба сентябри соли 2015-ум 3,0 фоиз паст аст. Дар моҳи декабр нархи 1 килограмм картошка 2,22 сомониро ташкил кард, ки нисбат ба моҳи декабри соли 2015-ум 31,4 фоиз зиёд аст (ниг. ба графики 7).

**Орд. Графики 8: Ҳисоби миёнаи моҳонаи нархҳои чакана ба орд, сомонӣ /кг**




***Орд***. Дар моҳи марти соли 2016 нархи 1 килограмм орд 3,10 сомониро ташкил кард, ки нисбат ба моҳи марти соли 2015 -ум 7,0 фоиз кам аст. Дар моҳи июни соли 2016 нисбат ба моҳи июни соли 2015 -ум нархи як килограмм орд 8,26 фоиз паст рафта, 3,15 сомониро ташкил дод. Аз моҳҳои сентябр то декабри соли 2016 - ум нархи орд бетағйир монда, 3,11 сомониро ташкил кард (ниг. ба графики 8).

## 3.2. Даромад ва хароҷот

Маълумотҳо дар бораи даромаду хароҷот аз тадқиқоти буҷети хонаводаҳо гирифта шудаанд, аз 1 - уми январи соли 2009 сар карда, дар заминаи тадқиқоти ҳар семоҳаи дар 3000 хонавода гузаронидашуда ва маълумотҳои соли 2008 бошанд, дар заминаи тадқиқоти ҳармоҳаи 925 хонавода гирифта шудаанд, ки аз фаслҳои зерин иборатанд: иттилооти демографӣ оид ба ҳайати оила, манзил ва зерсохтор, ҳаҷми истеъмолот дар оила, аз он ҷумла истеҳсолоти мустақилона, фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ ва ғайри кишоварзӣ.

### 3.2.1. Даромад

Даромади ҳақиқии пулӣ дар соли 2016 нисбат ба соли 2015 ба ҳар нафар 4,3 фоиз зиёд шуда, 299,20 сомониро ташкил дод (ниг. ба ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9: Нишондиҳандаҳои таъминот**

| | с.2015 | с.2016 |
|---|---|---|
| Даромади пулӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ (сомонӣ/ моҳ) | 270,82 | 299,20 |
| Афзоиши даромадҳои ҳақиқӣ (ба ҳисоби фоиз) | 92,6 | 104,3 |
| Ҳисоби миёнаи музди номиналии меҳнат | 879,21 | 960,17 |
| Афзоиши ҳақиқии музди меҳнат (ба ҳисоби фоиз) | 101,4 | 103,1 |
| Хароҷоти пулӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ (сомонӣ/моҳ) | 259,68 | 286,24 |
| Афзоиши ҳақиқии хароҷот (ба ҳисоби фоиз) | 92,2 | 104,1 |

*Манбаъ: Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо ва маълумотҳои омории ҷорӣ*

Манбаи муҳимтарини даромади пулии хонаводаҳо дар соли 2016 мисли пештара даромади меҳнатӣ – 54,8 фоиз ва мадохилот аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ – 6,0 фоиз мебошад. Дар соли 2016 таносуби даромади миёнаи гуруҳҳои мухталифи даҳфоизаи аҳолӣ 10,2 баробарро ташкил кардааст.

### 3.2.2. Хароҷот

Дар солҳои 2015 ва 2016 хароҷоти миёнаи аҳолӣ асосан аз ҳисоби болоравии нархҳо афзудааст (ниг. ба замимаи 8 ва графики 9).

Дар давраи ҳисобот таносуби хароҷоти миёнаи байни гуруҳҳои мухталифи даҳфоизаи аҳолӣ 3,9 баробарро ташкил кард.

**Графики 9. Суръати афзоиши хароҷот ба ҳар нафар аҳолӣ аз рӯи тақсимоти гурӯҳҳои даҳфоизаи аҳолӣ, дар солҳои 2015 – 2016**




## 3.3. Камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Камбизоатӣ ва бо озуқаворӣ таъмин набудан бо ҳам зич алоқамандaнд. Бо озуқаворӣ ва бо хӯрок таъмин набудан ба таври зайл тавсиф карда мешавад: «Одамон аз захираи кофии озуқаи бехавф ва сергизо, ки инкишофи мӯътадил, ҳаёти фаъол ва солимро таъмин менамояд, доимӣ ва мӯътамад баҳраманд нестанд. Ин вазъият дар натиҷаи ба андозаи кофӣ мавҷуд набудани озуқаворӣ, нокифоя будани қобилияти харидорӣ, тақсимоти нобаробар ё дар хонавода нобаробар ва ғайриқаноатбахш истеъмол шудани озуқаворӣ рӯй доданаш мумкин аст. Бо озуқаворӣ таъмин набудан, чандон баланд набудани сатҳи тандурустӣ ва беҳдошт, таҷрибаи нодурусти нигоҳубин ва хӯрондан сабабҳои асосии сатҳи бади таъминот буда метавонад. Бо озуқаворӣ ба таври кофӣ таъмин набудан метавонад доимӣ, мавсимӣ ё муваққатӣ бошад*

### 3.3.1. Бо озуқаворӣ таъмин набудани хонаводаҳое, ки беш аз нисфи даромади худро барои маҳсулоти хӯрокворӣ сарф менамоянд

*Бо озуқаворӣ таъмин набудани хонавода маънои чунин вазъиятро дорад: ба одамон озуқаворӣи хушсифату барои саломатӣ бехавф, ки талаботи ба гизодоштаашонро қонеъ мекарда бошад ва барои ҳаёти фаъолонаю солимашон зарур мебошад, доимо аз ҷиҳати миқдори маҳсулот, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба миқдори кофӣ дастрас нест.*

Дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 ҳиссаи хароҷот ба озуқаворӣ дар шаҳрҷойҳо 1,7 банди фоиз зиёд шуда, дар деҳот 2,0 банди фоиз афзудааст. Дар хонаводаҳое, ки 3 ва ё бештар фарзанд доранд, ҳиссаи хароҷоти истеъмолот ба маҳсулоти хӯрокворӣ 0,8 банди фоиз зиёд, нафақахӯрон – 1,1 банди фоиз кам шудааст.

Дар соли 2016 нисбат ба соли 2015 ҳиссаи хароҷот ба озуқаворӣ дар шаҳрҷойҳо 2,4 банди фоиз кам, дар деҳот 1,4 банди фоиз кам буд. Инчунин дар хонаводаҳое, ки 3 ва ё бештар фарзанд доштанд, ҳиссаи хароҷоти истеъмолот ба маҳсулоти хӯрокворӣ 4,7 банди фоиз кам, хароҷоти нафақахӯрон 0,4 банди фоиз кам шуда буд (ниг. ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10: Ҳиссаи хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо барои маҳсулоти хӯрокворӣ**

*(ба ҳисоби фоиз)*

| | с.2015 | с.2016 |
|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **57,3** | **55,5** |
| *аз он ҷумла:* | | |
| аҳолии шаҳр | 56,4 | 54,0 |
| аҳолии деҳот | 57,7 | 56,3 |
| **Минтақаҳо** | | |
| ш.Душанбе | 56,7 | 55,0 |
| ВМКБ | 62,8 | 58,3 |
| Вилояти Суғд | 50,3 | 48,1 |
| Вилояти Хатлон | 60,8 | 60,1 |
| НТҶ | 60,8 | 59,8 |
| **Гурӯҳҳои камбизоаттарин** | | |
| Хонаводаҳое, ки 3 ва бештар фарзанд доранд | 59,8 | 55,1 |
| Нафақахӯрон | 60,4 | 60,0 |

Дар замимаи 5 нисбати хароҷот, даромадҳо ва даҳфоизаҳо (детсилияҳо) иттилооти муфассал оварда шудааст.

## ФАСЛИ IV. ИСТЕЪМОЛОТ ВА ҲАЗМКУНӢ

*Истеъмоли озуқаворӣ ба интихоб, таркиб, тайёр ва тақсим кардани озуқаворӣ дар оила мансуб аст. Ҳазмкунӣ қобилияти хӯрокро қабул карда, ба қувва табдил додани организми инсон мебошад. Барои истеъмоли озуқаворӣ парҳезгории дахлдорро донистан ва дар оила озуқавориро тақсим карда тавонистан зарур аст. Барои он, ки организм хӯрокро ҳазм карда тавонад, на танҳо вояи хӯроки хушсифат, балки муҳити барои саломатии инсон форам, инчунин барои нӯшидани об созгор, аз хизмати асосии тиббӣ баҳраманд будан, хӯрок пухта тавонистан ва усулҳои нигоҳдории озуқавориро донистан лозим аст. Нишондиҳандаи ниҳоии бехатарии озуқаворӣ вазъи таомхӯрии аҳолӣ мебошад.*

## 4.1. Озуқаворӣ истеъмол кардани аҳолӣ

Яке аз тарзҳои ошкоркунии ҳисоби истеъмоли килокалория бо озуқаворӣ ва хӯроки мукаммал таъмин набудани як аъзои хонавода дар як рӯз мебошад. Дар соли 2016 истеъмоли килокалория ба як нафар узви хонавода 2433,16 килокалорияро нисбат ба 2378,25 киллокалорияи соли 2015 дар як шабонарӯз ташкил кард, ки аз меъёри тавсиякардаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) (дар як рӯз 2100 килокалория) андаке зиёд аст.

Дар соли 2016 истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ ба ҳисоби миёна ба як нафар узви хонавода 151,49 килограммро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2015 ба 1,59 килограмм ба як узви хонавода зиёд шудааст.

Умуман дар ҷумҳурӣ дар соли 2016 истеъмоли картошка ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ 39,1 кг, сабзавоту полизӣ 80,4 кг, шир ва маҳсулоти ширӣ 59,5 кг, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 14,8 кг, равғани растанӣ 17,1 кг, тухм 68 дона, қанду шакар ва маҳсулоти қанноди 14,3 кг, меваҷот 30,4 кг-ро ташкил кардааст.

Таносуби бештари хароҷоти хонаводаҳо ба хариди маҳсулоти хӯрокворӣ ба маҳсулоти нонӣ 32,0 фоиз рост меояд.

Дар айни замон, қайд кардан зарур аст, ки истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар гуруҳҳои даҳфоиза нобаробар аст. Масалан, истеъмоли картошка дар соли 2016 ба ҳисоби миёна ба як узви хонаводаи 10 фоизаи гуруҳи аҳолии бештар таъмин, нисбат ба 10 фоизаи гуруҳи камтаъмини аҳолӣ 46,1 фоиз зиёд буд, мутобиқан, истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ - 3,1 баробар, тухм - 2,3 баробар, меваҷот - 2,6 баробарро ташкил додааст.

**Графики 10. Сохтори арзиши маҷмӯи маҳсулоти озуқа дар солҳои 2015-2016 (дар охири моҳ, ба ҳисоби фоиз, ба як нафар)**




Дар бораи истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ дар хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замимаи 8 маълумоти муфассал оварда шудааст.

**Ҷадвали 11: Таркиби моддаҳои ғизобахши маҳсулоти истеъмолшуда дар як шабонарӯз (бе пиво ва вино)**

| | Ба як узви хонавода дар як шабонарӯз | аз он ҷумла: | | Ба як узви хонавода дар як шабонарӯз | аз он ҷумла: | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | дар шаҳрҳо | дар деҳот | | дар шаҳрҳо | дар деҳот |
| | с. 2015 | | | с. 2016 | | |
| сафеда, грамм | 51,39 | 46,28 | 53,19 | 51,71 | 47,63 | 53,24 |
| аз он ҷумла дар маҳсу-лоти чорво, грамм | 9,66 | 8,61 | 10,02 | 9,75 | 9,34 | 9,91 |
| равған, грамм | 59,27 | 57,20 | 59,96 | 62,86 | 59,95 | 63,98 |
| аз он ҷумла дар маҳсу-лоти чорво, грамм | 14,06 | 13,30 | 14,32 | 14,92 | 15,44 | 386,11 |
| Карбогид-ридҳо, грамм | 368,24 | 331,28 | 381,24 | 372,27 | 334,81 | 6,81 |
| Калория-нокии маҳсулоти истеъмол-шуда, к/кал | 2378,25 | 2194,52 | 2442,45 | 2433,16 | 2255,70 | 2499,55 |
| аз он ҷумла дар маҳсу-лоти чорво, к/кал | 227,90 | 194,17 | 239,85 | 233,53 | 224,77 | 236,92 |

## 4.2. Нишондиҳандаҳои бехатарии озуқаворӣ, ки ба даромадҳои аҳолӣ вобаста нестанд

### 4.2.1. Беморӣ

**Ҷадвали 12: Бемории аҳолӣ аз касалиҳои сирояткунандаи паразитарӣ**

*(ҳодиса)*

| Бемориҳои сироят-кунанда ба қайд гирифта шудаанд | с.2015 | | | | с.2016 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | сем 1 [1)] | сем 2 | сем 3 | сем 4 | сем 1 | сем 2 | сем 3 | сем 4 |
| Ҳамагӣ | 6028 | 13257 | 37169 | 17017 | 7224 | 13777 | 28393 | 19767 |
| Бемории сироятку-нандаи шадиди рӯда | 2086 | 9202 | 33699 | 10402 | 1889 | 9079 | 23223 | 10335 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| исҳоли хунини бактериалӣ | 79 | 157 | 470 | 151 | 43 | 154 | 276 | 103 |
| арақаи шикампеч (домана) | 9 | 10 | 124 | 38 | 3 | 17 | 13 | 12 |
| Гепатитҳои шадиди вирусӣ | 1036 | 595 | 1206 | 3679 | 1819 | 1001 | 3097 | 5206 |
| Касалии сил | 1036 | 1421 | 1060 | 986 | 909 | 1322 | 902 | 1372 |
| Брутселлёз | 102 | 348 | 247 | 143 | 150 | 327 | 244 | 216 |
| Касалиҳои паразитарӣ | 8102 | 1072 8 | 10943 | 9472 | 8700 | 13542 | 10382 | 10185 |

*1)аниқ карда шудааст ВТҲИА ҶТ*

Дар семоҳаи чорӯми соли 2016 нисбат ба семоҳаи чорӯми соли 2015 зиёдшавии ба бемориҳои сирояткунанда гирифтор шудани аҳолӣ 16,2 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Касалиҳои шадиди сирояткунандаи рӯда 52,3 фоизи шумораи умумии касалиҳои сирояткунандаро ташкил медиҳанд ва 0,6 фоиз кам шудаанд.

Нисбат ба семоҳаи чоруми соли 2015 зиёдшавии касалиҳои гепатитҳои шадиди вирусӣ 41,5 фоиз (аз 3679 то 5206 ҳодиса) ва 26,3 фоизи шумораи умумии касалиҳои сирояткунандаро ташкил медиҳанд.

Нисбат ба семҳаи чоруми соли 2015 зиёдшавии касалиҳои сил 39,1 фоиз, брутселлёз 51,0 фоиз, касалиҳои паразитарӣ 7,5 фоиз, ва камшавии касалиҳои исҳоли хунини бактериалӣ 7,3 фоиз, арақаи шикампеч (домана) 68,4 фоиз ба қайд гирифта шудааст.

**Ҷадвали 13: Ба касалиҳои сирояткунанда гирифтор шудани кӯдакони 0-14 сола**

*(ҳодиса)*

| Бемориҳои сироятку-нанда ба қайд гирифта шудаанд | с.2015 | | | | с.2016 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | сем 1[1)] | сем 2 | сем 3 | сем 4 | сем 1 | сем 2 | сем 3 | сем 4 |
| Ҳамагӣ | 3805 | 8920 | 27624 | 12762 | 4711 | 9524 | 21306 | 1397 8 |
| Бемории сирояткунан-даи шадиди рӯда | 1617 | 7203 | 25798 | 8211 | 1290 | 7161 | 17807 | 7598 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| исҳоли хунини бактериалӣ | 38 | 86 | 210 | 92 | 14 | 74 | 145 | 52 |
| арақаи шикампеч (домана) | 7 | 5 | 52 | 12 | 0 | 0 | 2 | 6 |
| Гепатитҳои шадиди вирусӣ | 828 | 427 | 894 | 3295 | 156 1 | 825 | 2825 | 471 9 |
| Касалии сил | 94 | 87 | 63 | 61 | 51 | 78 | 71 | 71 |
| Брутселлёз | 15 | 51 | 21 | 11 | 18 | 33 | 20 | 17 |
| Касалиҳои паразитарӣ | 1898 | 2313 | 2190 | 1972 | 168 7 | 3124 | 2823 | 206 4 |

*1)аниқ карда шудааст ВТҲИА ҶТ*

Дар семоҳаи чорӯми соли 2016 нисбат ба семоҳаи чорӯми соли 2015 бақайдгирии бемориҳои сирояткунанда гирифтор шудани кӯдакони 0 - 14 сола 9,5 фоиз зиёд шудааст. Таносуби касалиҳои сирояткунанда дар кӯдакони 0-14 сола дар семоҳаи чорӯми соли 2016 - ум 70,7 фоизи шумораи умумии касалиҳоро ташкил медиҳад. Касалиҳои шидиди сирояткунандаи рӯда 54,4 фоизи шумораи умумии касалиҳои сирояткунандаро дар кӯдакони 0 - 14 сола ташкил медиҳанд ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,5 фоиз кам шудаанд.

Дар давраи ҳисобот бақайдгирии касалиҳои гипатитҳои шадиди вирусӣ дар кӯдакони 0-14 сола 43,2 фоизи зиёд шудааст.

Нисбат ба семоҳаи чорӯми соли 2015 зиёдшавӣ ба бемориҳои сирояткунанда гирифтор шудани кӯдакони 0 - 14 сола касалии сил 16,4 фоиз, касалиҳои паразитарӣ 4,7 фоиз ба қайд гирифта шудааст.

### 4.2.2. Таваллуд, фавт, афзоиши табиӣ

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) – 230,3 ҳазор[3] кӯдакони навзоди дар мӯҳлатҳои дар асоси қонун муайян кардашуда (бе назардошти сабти барқароркунии таваллудҳои солҳои пешин) ва 33,0 ҳазор шахсони фавтида, аз он ҷумла 2,6 ҳазор кӯдакони синни то 1 сола фавтидаро ба қайд гирифтаанд.

Коэффитсиенти умумии таваллуд ва коэффитсиенти умумии фавт аз рӯи баҳои пешакӣ мутаносибан ба 1000 нафар аҳолӣ 26,6 ва 3,8 нафар рост омадааст.

**Ҷадвали 14: Бақайдгирии таваллуд ва фавт дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) дар солҳои 2015-2016**

| | *шумораи таваллуди ба қайд гирифташуда, ҳамагӣ дар мӯҳлати дар асоси қонун муайян шуда* | | *шумораи шахсони фавтидаи ба қайд гирифташуда* | | *афзоиши табиии аҳолӣ* | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *нафар* | *ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта* | *нафар* | *ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта* | *нафар* | *ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта* |
| **соли 2015** | | | | | | |
| семоҳаи 1 | 53851 | 100,8 | 8720 | 107,5 | 45131 | 99,6 |
| семоҳаи 2 | 53743 | 107,5 | 8620 | 104,1 | 45123 | 108,2 |
| семоҳаи 3 | 55414 | 95,6 | 7309 | 97,8 | 48105 | 95,3 |
| семоҳаи 4 | 69900 | 102,6 | 8231 | 103,8 | 61669 | 102,5 |
| дар як сол | 232908 | 101,5 | 32880 | 103,4 | 200028 | 101,2 |
| **соли 2016** | | | | | | |
| семоҳаи 1 | 57237 | 106,3 | 9087 | 104,2 | 48150 | 106,7 |
| семоҳаи 2 | 53207 | 99,0 | 8047 | 93,4 | 45160 | 100,1 |
| семоҳаи 3 | 54217 | 97,8 | 7403 | 101,3 | 46814 | 97,3 |
| семоҳаи 4 | 65659 | 93,9 | 8496 | 103,2 | 57163 | 92,7 |
| дар як сол | 230320 | 98,9 | 33033 | 100,5 | 197287 | 98,6 |

[3] Мувофиқи методологияи баҳисобгирии шумораи аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои демографӣ, таваллудҳои бақайдгирифташудаи дар давоми соли тақвимӣ ба инобат гирифта мешавад

**Графики 11:**




Камшавии бақайдгирии таваллуд дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 дар ВМКБ ва вилояти Суғд мушоҳида мешавад. Дар ВМКБ камшавии бақайдгирии кӯдакони навзоди дар мӯҳлатҳои дар асоси қонун муайян кардашуда 4,4 фоиз 4,6 ҳазор кӯдаки навзодро ташкил дод, дар вилояти Суғд - 5,4 фоиз (64,1 ҳазор кӯдаки навзод). Дар шаҳри Душанбе бақайдгирии таваллуд - 3,8 фоиз (14,6 ҳазор кӯдаки навзод) ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 1,3 фоиз (55,2 ҳазор кӯдаки навзод) зиёд шудааст.

**Ҷадвали 15: Шумораи таваллуд, фавт ва афзоиши табиии аҳолӣ дар моҳҳои январ - декабри солҳои 2015-2016**

| | *шумораи таваллудҳои ба қайд гирифташудаи дар мӯҳлати дар асоси қонун муайян шуда* | | *шумораи шахсони фавтида* | | *афзоиши табиии аҳолӣ* | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *с.2015* | *с.2016* | *с.2015* | *с.2016* | *с.2015* | *с.2016* |
| | нафар | | | | | |
| **Ҷумҳурӣ** | **232908** | **230320** | **32880** | **33033** | **200028** | **197287** |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| ВМКБ | 4826 | 4613 | 1185 | 1073 | 3641 | 3540 |
| Вилояти Суғд | 67731 | 64085 | 11021 | 11048 | 56710 | 53037 |
| Вилояти Хатлон | 91800 | 91829 | 11240 | 11394 | 80560 | 80435 |
| ш.Душанбе | 14107 | 14643 | 2601 | 2627 | 11506 | 12016 |
| НТҶ | 54444 | 55150 | 6833 | 6891 | 47611 | 48259 |
| | ба ҳар 1000 нафар, аҳолӣ | | | | | |
| **Ҷумҳурӣ** | **27,6** | **26,6** | **3,9** | **3,8** | **23,7** | **22,8** |
| ВМКБ | 22,4 | 21,1 | 5,5 | 4,9 | 16,9 | 16,2 |
| Вилояти Суғд | 27,3 | 25,3 | 4,4 | 4,4 | 22,8 | 20,9 |
| Вилояти Хатлон | 30,5 | 29,8 | 3,7 | 3,7 | 26,8 | 26,1 |
| ш.Душанбе | 17,7 | 18,1 | 3,3 | 3,2 | 14,5 | 14,8 |
| НТҶ | 28,0 | 27,6 | 3,5 | 3,5 | 24,5 | 24,2 |

Бақайдгирии шахсони фавтида дар моҳҳои январ - декабри соли 2016 -ум нисбат ба ҳамин давраи соли 2015-ум 0,5 фоиз зиёд шуда, 33,0 ҳазор нафарро ташкил дод. Дар вилояти Хатлон бақайдгирии шахсони фавтида - 1,4 фоиз (11,4 ҳазор фавт), дар шаҳри Душанбе - 1,0 фоиз (2,6 ҳазор фавт), дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 0,8 фоиз (6,9 ҳазор фавт) ва дар вилояти Суғд - 0,2 фоиз (11,0 ҳазор фавт) зиёд шудааст. Дар ВМКБ бақайдгирии шахсони фавтида - 9,5 фоиз кам шуда, 1,1 ҳазор фавтро ташкил додааст.

Камшавии табиии аҳолӣ аз рӯи маълумоти пешакӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2016-ум нисбат ба ҳамин давраи соли 2015-ум ба андозаи 1,4 фоиз кам шуда, 197,3 ҳазор нафар ё ба 1000 нафар аҳолӣ 22,8 нафар рост омадааст.

**Ҷадвали 16: Шумораи аҳолӣ**

Бо назардошти бақайдгирии таваллудшудагон, фавтидагон ва муҳоҷират шумораи аҳолӣ (аз рӯи маълумотҳои пешакӣ) то 1-уми январи соли 2017 ташкил дод:

| | *шумораи аҳолӣ то 1.01. с. 2017-ум, ҳазор нафар* | *нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 (бо фоиз)* |
|---|---|---|
| **Ҷумҳури Тоҷикистон** | **8742,2** | **102,2** |
| аз он ҷумла: | | |
| ВМКБ | 219,9 | 101,2 |
| Вилояти Суғд | 2560,5 | 102,0 |
| Вилояти Хатлон | 3123,1 | 102,5 |
| ш.Душанбе | 816,8 | 101,8 |
| НТҶ | 2021,9 | 102,5 |

# МЕТОДОЛОГИЯ

## 1. Методологияи таҳлили бехатарии озуқаворӣ

«Бехатарии озуқаворӣ ва ғизо ҳамон вақт таъмин ҳисобида мешаванд, ки агар озуқаврии мувофиқ (аз нуқтаи назари миқдор, сифат, бехатар будан, аз ҷиҳати иҷтимоию фарҳангӣ маъқул), ***мавҷуд*** ва ***дастрас*** бошад ва ҳамаи шахсон ***ҳамавақт*** барои таъмини ҳаёти фаъол ва солим чунин озуқавориро қаноатмандона ***истеъмол ва ҳазм*** кунанд».

***Мавҷуд будан:*** бехатар ва кофӣ будани озуқаворӣ аз ҷиҳати миқдор ва сифат

***Дастрас будан:*** ҳамаи хонаводаҳо ва ҳамаи аъзои онҳо барои харидории миқдори зарурии озуқаворӣ (аз ҳисоби истеҳсолот, харид ва ёрӣ) ба қадри кофӣ захира доранд;

***Истеъмолот ва ҳазм*** донистани ҳолати саломатӣ ва шароити тозагӣ (санитарӣ) барои он зарур аст, ки организми инсон озуқавориро истеъмол ва ҳазм карда тавонад.

***Устуворӣ*** доимо мавҷуд ва дастрас будани ғизо, истеъмол ва ҳазм кардани хӯрокворӣ мебошад. Агар озуқаворӣ мунтазам дастрас набошад, баъзе шахсон аз норасоии доимӣ ё муваққатии озуқаворӣ азият мекашанд.

Барои фаҳмо шудан, ҳамаи чор ҷиҳати бехатарии озуқаворӣ ва ғизо дар расми зер оварда шудааст:



Барои хонаводаҳо ва шахсони ҷудогона, ки дар ҷамъият зиндагӣ мекунанд, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ мавҷуд будани чор самт зарур аст. Ин самтҳо бояд якбора дар ҳамаи сатҳи хонавода ва шаҳрванди ҷудогона (**сатҳи хурд**) то сатҳи ҷамоат (шаҳрак, ноҳия, вилоят), ки онҳо ба **сатҳи миёна дохил** мебошанд, то сатҳи миллӣ ё умумиҷаҳонӣ яъне, **сатҳи калон,** таъмин бошанд.

Барои мақсадҳои мониторинги бехатарии озуқаворӣ нишондиҳандаи хеле муҳимро (мувофиқ) интихоб намудан ва онро мунтазам чен кардан зарур аст.

***Усули тартиб додани тарози (баланси) озуқаворӣ аз рӯи намудҳои хӯрокворӣ (асосӣ):***

Тарози (баланси) озуқаворӣ аз рӯи маҳсулоти заминавии хӯрокворӣ, асосӣ тартиб дода шудааст.

Ҳангоми тартиб додани тарози озуқаворӣ нишондиҳандаи маҳсулоти захира аз тарози соли гузашта гирифта шудааст, яъне захираи охири соли гузашта, захираи то 1 январи соли ҷорӣ шуда метавонад. Оид ба воридоту содироти маҳсулот маълумотҳои расмӣ, аз рӯи истеҳсолот - маълумотҳои таъҷилӣ (пешакӣ) истифода бурда шудаанд.

Бо назардошти масоҳати киштшуда бо зироатҳои кишоварзӣ ва бо истифодаи масрафи аслии 1 гектар кишт, хароҷоти тухмӣ муайян карда шудааст. Ҳисобу китоб талофот дар асоси меъёрҳои муқарраршудаи расмӣ амалӣ карда мешавад.

Барои муайян намудани сарфи тухм барои чӯҷабарорӣ, миқдори аслии чӯҷаҳо ва маводи меъёрӣ оид ба чӯҷабарорӣ аз шумораи тухми гузошташуда ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Озуқаворӣ, ки аҳолӣ истеъмол мекунад, инчунин хароҷоти хӯроки чорво дар асоси маълумотҳои тадқиқоти буҷети 3000 хонавода ҳисоб карда шудааст. Дар мавриди ҳисоби истеъмоли гӯшт аз тарафи аҳолӣ низ миқдори гӯште, ки барои риояи анъанаҳои миллӣ (дар вақти маросимҳои дафн, тӯй, маросимҳои динӣ-идҳои мазҳабӣ, миллӣ ва ғайра) сарф карда шудаанд, ба назар гирифта шудааст.

**Тафсирот**

Шахсони 16-сола ва калонсолтар, ки дар давраи тадқиқот (таҳлилшаванда) машғулият (машғулияти даромаднок) надоштанд; дар ҷустуҷӯи кор буданд, яъне ба Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ муроҷиат кардаанд, ё дигар усули корёбиро истифода бурдаанд; тайёр буданд ба кор шурӯъ кунанд, ***бекор*** ҳисобида мешаванд.

***Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД)*** **-** нишондиҳандаи маҷмӯи фаъолияти иқтисодии мамлакат мебошад. ММД бо нархҳои асосию бозорӣ (ММД-и номиналӣ) ва бо нархҳои муқоисавӣ (ММД ҳақиқӣ) ҳисоб карда мешавад.

***Индекси нархҳои истеъмолии молҳо ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ (ИНИ)*** тағйироти сатҳи умумии нархи молҳо ва хизматрасониро тавсиф мекунад. Индекс ченаки арзиши маҷмӯи ҳақиқии молҳо ва хизматрасонӣ дар давраи ҷорӣ нисбат ба арзиши он дар давраи асосӣ мебошад.

***Музди миёнаи меҳнати номиналии ҳармоҳа*** бо роҳи тақсимкунии фонди аслии ҳисоб кардашудаи музди меҳнати кормандони ҳайати рӯйхат ва дуҷоякорон ба шуморае, ки барои ҳисоб кардани музди миёнаи кор қабул шудааст ва ба шумораи моҳҳои давраи ҳисобот қабул шудааст, ҳисоб карда мешавад.

***Калориянокии хӯрок ба ҳар нафар аҳолӣ дар як шабонарӯз.*** Ғизонокии озуқаи истеъмолкардаи ҳар нафар узви хонавода, инчунин таркибҳои кимиёвии он (сафедаҳою равған) мебошад.

***Сатҳи бекории расмӣ*** аз рӯи таносуби шумораи бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда ва шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол, ба ҳисоби фоиз ҳисоб карда мешавад.

Ихтисораҳои истифодашуда:

| | |
|---|---|
| ММД | Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| ИНИ | Индекси нархҳои истеъмолӣ |
| МРҲ | Мақсадҳои Рушди Ҳазорсола |

**Замимаи 1. Маълумоти мухтасари шароити обу хаво дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи чоруми соли 2016**

**Хулосаи обу ҳавосанҷӣ**

**Октябр.** Ҳавои моҳи октябр дар ҷумҳурӣ муътадил гарм буд. Ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар аксари ноҳияҳо аз меъёр $1^0$С баланд, дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкуҳҳо дар ҳадди меъёр ва аз рӯи нишондодхои миёнаи пешгӯиҳои дарозмуддат дар водиҳо ва ноҳияҳои доманакуҳ 11+$17^0$С гарм, дар ноҳияҳои куҳӣ 4-$12^0$С (Дарвоз +$16^0$С) гарм, дар баландкуҳҳои ВМКБ 1-$2^0$С гармиро ташкил дод.

Дар давоми моҳ дар водиҳо ҳавои мутаносибан хушк ва гарм мушоҳида карда шуд. Бартарии ҳарорати ҳаво рӯзона ва шабона дар водиҳои Хатлон, НТҶ то 28-$38^0$С ва Суғд шабона то 25+$27^0$С, дар ноҳияҳои куҳӣ 20+$25^0$С, (Дарвоз 28+$32^0$С), баландкуҳҳо 4+$5^0$С гармӣ ба қайд гирифта шуд.

Миқдори моҳонаи боришот дар аксари ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз меъёр паст буда, дар баъзе маҳаллаҳо аз меъёр кам ва водиҳо - ноҳияҳои доманакуҳӣ вилояти Суғд (147-307 фоиз) аз меъёр; дар водиҳо ва ноҳияҳои доманакуҳӣ вилояти Хатлон (41-196 фоиз) аз меъёр, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (98-177 фоиз), ғарби ВМКБ (74-305 фоиз), шарқи ВМКБ (18-250 фоиз) аз меъёрро ташкил дод.

**Ноябр.** Ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар ҷумҳурӣ ба 1-$2^0$С аз меъёр паст, (ба истиснои ВМКБ), аз меъёр зиёд ба 2-$5^0$С ва он дар водиҳо ва ноҳияҳои доманакуҳ 4-$8^0$С гарм, дар ноҳияҳои кӯҳӣ -1+$4^0$С (Дарвоз +$8^0$С гарм), шарқӣ ВМКБ -4-$7^0$С хунукиро ташкил дод. Ҳарорати нисбатан гармтари ҳаво дар ҷумҳури дар давраи 1-3, 5-8, 10-18 ноябр ҳангоме ба қайд гирифта шуд, ки дар ин давра ҳарорати рӯзонаи ҳаво баланд шуда он дар водиҳои вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳури аз 20+$25^0$С то 26-$31^0$С гармиро ташкил дод. Дар давраи 1-3 ноябр дар водиҳои вилояти Суғд ҳарорати баландтарини ҳаво то 20+$24^0$С гарм баланд шуд ва ҳарорати миёнаи шабонарӯзии ҳаво ба 2-$8^0$С аз миёнаи бисёрсола баланд рост омад.

Дар нимаи дуюми моҳ обу ҳавои номусоид мушоҳида карда шуд. Бештар 11 рӯз дар ҳамаи ҳудуди ҷумҳурӣ (ба истиснои ВМКБ) боришот ва пастшавии ҳарорати ҳаво ба қайдгирифта шуд. Таҳлили шароити аэросиноптики дар моҳи ноябри соли 2016 нишондод, ки ин раванд барои минтақаҳои мо ғайримуқаррӣ мебошад. Дар таърихи обу ҳаво дар водиҳои ноҳияҳои Тоҷикистон ҳарорати манфӣ дар рӯзҳои моҳи ноябр мушоҳида карда шуд. Бештар ҳарорати пасти ҳаво 9 ноябри соли 2011-ум -1,$5^0$С гарм собит шуд. Ҳарорати нисбатан сарди ҳаво дар нимаи дуюми моҳ аз 19 то 29 ноябр, хангоме мушоҳида карда шуд, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ мавҷи сардии ҳаво дохил шуд ва ҳарорати рӯзонаи ҳаво дар ин давра дар водиҳо то 8-$13^0$С гарм паст фаромад. Пасту баландшавии ҳарорати шабонаи ҳаво дар водиҳо аз 0-$5^0$С то -10-$19^0$С хунук, ҳарорати рӯзонаи ҳаво дар водиҳо то 0-$5^0$С хунук паст

фаромад, ҳарорати шабонарӯзии ҳаво ба -9-13$^0$С нисбати миёнаи бисёрсола паст ба қайдгирифташуд.

Дар вилояти Хатлон ва НТҶ 19 ноябр ба амал омадани чангу ғубор, дар рӯзҳои алоҳида фаромадани туман ва шиддатёбии шамол то 17-24 м/с ба қайд гирифта шуд.

Бештар боришоти шиддатнок 25-26 ноябр ба қайд гирифта шуд. 26 ноябр баландии қабати барф дар вилояти Хатлон 16-40 см, НТҶ 16-40 см, (Анзоб 61 см) ва вилояти Суғд 2-10 см, (Шахристон 22 см)-ро ташкил дод.

Миёнаи боришоти моҳона дар саросари ноҳияҳои ҷуҳмури аз меъёри иқлимӣ баланд, дар баъзе маҳалҳо дар ҳади меъёр буд ва он дар (вилояти Хатлон 172-313 фоиз, вилояти Суғд 111-336 фоиз, НТҶ 96-205 фоиз, ғарби ВМКБ 8-74 фоиз, шарқи ВМКБ 105-685 фоиз (меъёр 1,3 мм, борид 8,9 мм)-ро ташкил дод.

**Декабр.** Ҳарорати миёнаи моҳонаи ҳаво дар аксари ноҳияҳо дар хади меъёр, фақат дар ВМКБ аз меъёр 1-3$^0$С баланд буд ва он дар водиҳо ва доманакуҳҳо 0+6$^0$С гарм, ноҳияҳои куҳӣ 1-6$^0$С, баландкуҳҳо 12-17$^0$С хунукро ташкил дод.

Ҳарорати ҳавои нисбатан гармтар дар водиҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон рӯзҳои 1-2, 15-17 ва 27-31 декабр ба қайд гирифта шуд. Дар ин давра ҳарорати рӯзонаи ҳаво дар водиҳо то 15+20$^0$С, дар водиҳои вилояти Суғд 8+15$^0$С гарм рост омад. Ҳарорати миёнаи шабонарӯзии ҳаво 2-6$^0$С аз меъёр баланд буд.

Ҳарорати ҳавои нисбатан пасттар дар охири моҳ мушоҳида карда шуд. Дар ин давра ҳарорати рӯзонаи ҳаво ба 6+9$^0$С, шабона 0-5$^0$С хунук баробар буд, ки ҳарорати миёнаи шабонарӯзии ҳаво аз меъёр 1-5$^0$С паст буд.

Миқдори боришот асосан кам буд, дар баъзе маҳалҳо дар ҳадди меъёр буда он; дар вилояти Суғд (26-130 фоиз), вилояти Хатлон (52-112 фоиз). НТҶ (68-119 фоиз), ғарби ВМКБ (36-120 фоиз), шарқи ВМКБ (26 фоиз) ташкил дод.

**Шарҳи оби дарёҳо ва обанборҳо**

Сарфаи миёнаи моҳонаи дар давоми моҳи октябр дар дарёҳои ҷумҳурӣ пастшавии сарфи об давом ёфт. Танҳо дар даҳаи сеюми моҳи октябр дар ҷануби дарёҳои Ёхсу - Восеъ бо сабаби боришоти моеъ сарфаи зиёди об ба қайд гирифта шуд. Об дар аксари дарёҳои ҷумҳурӣ дар ҳадди меъёр ва аз меъёр паст (67-110 фоиз) ва нисбати соли гузашта, ба истисноии дар дарёи Зарафшон - Ду пули сарфи об 116 фоиз аз меъёр зиёд буд.

Ҳаҷми обанбори Норак дар давоми моҳ ба 0,108 млн.м$^3$ кам шуда он 10466 млн.м$^3$ -ро ташкил дод, ки ба 0,002 млн.м$^3$, нисбат ба ҳаҷми соли гузашта зиёд буд.

Ҳаҷми обанбори Қайроққум дар давоми моҳ ба 0,659 млн$^3$ зиёд шуд ва 2933 млн.м$^3$ баробар буд ва он 0,443 млн. м$^3$ нисбат ба ҳаҷми соли гузашта зиёд буд.

Дурустии пешгӯиҳо 73 фоиз.

Дар моҳи ноябр дар дарёҳои ҷумҳури тадриҷан пастшавии сатҳи об ба қайд гирифта шуд. Танҳо 21-22 ноябр дар дарёҳои Ёхсу ва дар нишебиҳои ҷануби қаторкӯҳҳои водии Ҳисор бо сабаби боришоти шиддатнок (дар водиҳо борон гузариш ба барф. дар ноҳияҳои куҳӣ барф), ки баландшави сатҳи оби дарёҳо аз 19 то 22 см мушоҳида карда шуд.

Сарфаи миёнаи моҳонаи об дар аксари дарёҳои ҷумҳурӣ дар ҳадди ва аз меъёр баланд (97-118 фоиз), ба истисноি дарёҳои Қаратоғ - Қаратоғ ва Вахш - Дарбанд сарфи об аз меъёри муқаррарӣ (58-93 фоиз) паст буд.

Ҳаҷми обанбори Норак дар давоми моҳ 0,385 млн.м$^3$ кам шуда ба 10081 млн.м$^3$ баробар буд, ки аз ҳаҷми соли гузашта ба 0,006 млн.м$^3$ зиёд буд.

Ҳаҷми обанбори Қайроққум дар давоми моҳ 0,024 млн.м$^3$ зиёд шуда ба 2957 млн.м$^3$ баробар буд, ки аз ҳаҷми соли гузашта 0,176 млн.м$^3$ зиёд буд.

Дурустии пешгуиҳои дарозмуҳлат ба 75 фоиз рост омад.

Дар давоми моҳи декабр дар дарёҳои ҷумҳури тадриҷан пастшавии сатҳи об ба амал омад. Танҳо дар даҳаи саввуми моҳ дар дарёҳои Ёхсу, Қизилсу (ҷануб) ва ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор зиёдшавии сатҳи об бо сабаби боридани боришот ба қайд гирифта шуд.

Сарфаи миёнаи моҳонаи об дар дарёҳои ҷумҳури дар ҳади меъёр ва аз меъёр зиёд (94-129 фоиз) буд, дар дарёи Исфара-Тошқурғон, Вахш-Рашт сарфаи миёнаи об 79-82 фоиз аз меъёр пастро ташкил дод.

Ҳаҷми обанбори Норак дар давоми моҳ ба 0,544 млн.м$^3$ кам шуда ба 9537млн.м$^3$ баробар буд, ки нисбат ба ҳаҷми соли гузашта 0,200 млн.м$^3$ зиёд буд. Ҳаҷми обанбори Қайроққум дар давоми моҳ ба 0,324 млн.м$^3$ кам шуда ба 3281 млн.м$^3$ баробар буд, ки аз ҳаҷми соли гузашта 0,772 млн.м$^3$ кам буд.

Дурустии пешгӯиҳо ба 83 фоиз рост омад.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд - СМР-2030) дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014 ва 2015 баён шудаанд, таҳия гардидааст.

СМР-2030 инчунин, уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устуворро (ҲРУ), ки дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудаанд, ба инобат мегирад.

Диққати асосӣ дар ҲРУ ба консепсияи рушди устувори инсон равона шудааст. Бинобар ин, пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, иваз намудани моделҳои ноустувор ва пешбурди моделҳои устувори истеъмолот ва истеҳсолот, инчунин ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳими рушди устувори инсон маҳсуб меёбанд.

Машваратҳои миллӣ аз рӯи рӯзномаи ҲРУ имкон доданд афзалиятҳои асосии рушди кишвар баъди соли 2015, ки ба татбиқи онҳо идеологияи иқтисодӣ, принсипҳои заминавӣ ва маҷмӯи тадбирҳои дар СМР-2030 инъикосёфта равона шудаанд, муайян карда шаванд. Ба чунин афзалиятҳо: (1) маориф; (2) тандурустӣ; (3) шуғл; (4) нобаробарӣ; (5) мубориза бар зидди коррупсия; (6) таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизо; (7) идоракунии самаранок; (8) ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; (9) пешгирии низои эҳтимолӣ; (10) амнияти энергетикӣ, экология ва идоракунии равандҳои демографӣ шомиланд.

Таъмини рушди устувори кишвар интихоби принсипҳои илман асоснокшудаи заминавии тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеаро дар назар дорад. Равиши муназзами таҳияи СМР-2030 ба се принсипи асосии рушди минбаъда :

(1) **превентивӣ (тадбирнокӣ),** яъне пешгирии (коҳишдиҳии) осеб-пазирии рушди оянда;

(2) **индустриалӣ,** яъне баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ;

(3) **инноватсионӣ,** яъне рушд бар пояи навовариҳои фарогири ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, асос ёфтааст.

Мақсадҳои сиёсати беруна бояд ба фароҳам овардани шароити берунаи мусоидаткунандаи рушд, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо, манфиатҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон берун аз кишвар, таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ равона карда шаванд. Ҳамзамон, сиёсати дохилӣ

